**Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд ва сДар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд ва соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул кард, ки ин кафолатдиҳандаи тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

Дар асоси моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтёр, демократӣ ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкшофи озодонаро фароҳам меорад.

Мувофиқи банди 3 моддаи 10 Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байнанлмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунад, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон оид ба меҳнат мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 Конвенсияҳо, 22 Тавсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнатро эътироф намудааст, ки яке аз он Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат таҳти №105 «Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ», ки соли 1959 дар Ҷенева қабул карда шудааст.

Конвенсияи мазкур 10 моддаро дар бар мегирад.

Конвенсия танҳо ба он аъзоёни Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пайваст аст, ки тасдиқномаҳои онҳоро Директори генералӣ ба қайд гирифтааст.

Дар асоси моддаи 1 Конвенсия ҳар як узви Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки ин Конвенсияро тасдиқ кардааст, ӯҳдадор аст меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро бекор кунад ва ба ягон намуди он муроҷиат накунад:

а) ба сифати воситаи таъсиррасонии сиёсӣ – ё маориф, ё ҳамчун чораи ҷазо барои ҳузур доштан, ё изҳори ақидаи сиёсӣ, ё ақидаҳои идеологӣ, ки хилофи системаи муқарраршудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ мебошанд;

б) ҳамчун усули ҷалб ва истифодаи қувваи корӣ барои эҳтиёҷҳои рушди иқтисодӣ;

в) ба сифати воситаи нигоҳ доштани интизоми меҳнат;

г) ба сифати воситаи ҷазо барои иштирок дар корпартоӣ;

д) чораи маҳдудкунӣ аз рӯи мансубияти наҷодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ истифода накунад.

Мувофиқи моддаи 2 Конвенсия ҳар як узви Созмони Байналмилалии меҳнат, ки Конвенсияи мазкурро эътироф кардааст, ӯҳдадор мешавад, ки барои фавран ва пурра бекор кардани намудҳои меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, ки дар моддаи 1 Конвенсияи мазкур номбар шудаанд, чораҳои муассир андешад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси банди 3 моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Яъне мувофиқи моддаи мазкур қонун навъи кору меҳнатеро пешбинӣ намояд, ки ҳамчун меҳнати маҷбурӣ эътироф карда намешаванд. Чунин навъи кору меҳнат дар қисми дуюми моддаи 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст:

1) корҳое, ки иҷрои онҳо мутобиқи қонун оид ба хизмати ҳарбӣ талаб карда мешавад;

2) корҳое, ки иҷрои онҳо дар шароити ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми таҳти хатар будани ҳаёт, амнияти шахсӣ ва ё саломатии аҳолӣ талаб карда мешавад;

3) корҳое, ки дар натиҷаи эътибор пайдо намудани ҳукми суд талаб карда, таҳти назорати мақомоти давлатӣ, ки масъули назорати қонунии иҷрои ҳукми суд мебошанд, иҷро карда мешаванд.оли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул кард, ки ин кафолатдиҳандаи тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад.

Дар асоси моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтёр, демократӣ ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкшофи озодонаро фароҳам меорад.

Мувофиқи банди 3 моддаи 10 Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байнанлмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунад, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон оид ба меҳнат мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 Конвенсияҳо, 22 Тавсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнатро эътироф намудааст, ки яке аз он Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат таҳти №105 «Дар бораи бекор кардани меҳнати маҷбурӣ», ки соли 1959 дар Ҷенева қабул карда шудааст.

Конвенсияи мазкур 10 моддаро дар бар мегирад.

Конвенсия танҳо ба он аъзоёни Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пайваст аст, ки тасдиқномаҳои онҳоро Директори генералӣ ба қайд гирифтааст.

Дар асоси моддаи 1 Конвенсия ҳар як узви Созмони Байналмилалии Меҳнат, ки ин Конвенсияро тасдиқ кардааст, ӯҳдадор аст меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмиро бекор кунад ва ба ягон намуди он муроҷиат накунад:

а) ба сифати воситаи таъсиррасонии сиёсӣ – ё маориф, ё ҳамчун чораи ҷазо барои ҳузур доштан, ё изҳори ақидаи сиёсӣ, ё ақидаҳои идеологӣ, ки хилофи системаи муқарраршудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ мебошанд;

б) ҳамчун усули ҷалб ва истифодаи қувваи корӣ барои эҳтиёҷҳои рушди иқтисодӣ;

в) ба сифати воситаи нигоҳ доштани интизоми меҳнат;

г) ба сифати воситаи ҷазо барои иштирок дар корпартоӣ;

д) чораи маҳдудкунӣ аз рӯи мансубияти наҷодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ истифода накунад.

Мувофиқи моддаи 2 Конвенсия ҳар як узви Созмони Байналмилалии меҳнат, ки Конвенсияи мазкурро эътироф кардааст, ӯҳдадор мешавад, ки барои фавран ва пурра бекор кардани намудҳои меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ, ки дар моддаи 1 Конвенсияи мазкур номбар шудаанд, чораҳои муассир андешад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси банди 3 моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Яъне мувофиқи моддаи мазкур қонун навъи кору меҳнатеро пешбинӣ намояд, ки ҳамчун меҳнати маҷбурӣ эътироф карда намешаванд. Чунин навъи кору меҳнат дар қисми дуюми моддаи 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст:

1. корҳое, ки иҷрои онҳо мутобиқи қонун оид ба хизмати ҳарбӣ талаб карда мешавад;

2. корҳое, ки иҷрои онҳо дар шароити ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми таҳти хатар будани ҳаёт, амнияти шахсӣ ва ё саломатии аҳолӣ талаб карда мешавад;

3. корҳое, ки дар натиҷаи эътибор пайдо намудани ҳукми суд талаб карда, таҳти назорати мақомоти давлатӣ, ки масъули назорати қонунии иҷрои ҳукми суд мебошанд, иҷро карда мешаванд.